«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С.
______________________
«__15__» ____________________2024 с.

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода, соли таваллуд 06.06.1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода хатмкунандаи ихтисоси молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, онро соли 2013 бо тахассуси «молия ва қарз» хатм кардааст. Аз соли 2021 то соли 2024 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, аз соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ба кор шуруъ намуда аст. Дар давраи унвонҷуӣ ва таҳияи рисолаи диссертатсионӣ дар якчанд коференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2022 унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад (маълумотномаи №03/2266-03 аз 20.09.2022).

Мавзӯи диссертатсияи Ҳанифаи Э.А. дар ҷаласаи Шурои олимони факултети моливию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 23 феврали соли 2022, протоколи № 07 тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро ба таври зайл супорида аст: забони хориҷӣ (англисӣ) –аъло (08.12.2023), таърих ва фалсафаи илм – хуб (30.12.2024) , имтиҳони ихтисос – аъло (02.11.2024)

**Роҳбари илмӣ:**

Давлатзода Меҳроҷиддин Хайриддин – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда,

таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар давраи муосири фарогирандаи самтҳои рушди устувори иқтисодиёт, тамоюлҳои гуногунҷанба ва шаклҳои мухталиф ба арсаи ҳастӣ ворид гардида, ба равандҳои идораи молияву буҷетикунонии бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмуъ ба ҳамбастагиҳои молиявии кишвар таъсир расонида, талаботҳои иловагӣ барои таъминсозии равандҳои рушди иқтисодиёт бо захираҳои молиявиро ба миён оварда истодаанд. Дар ин замина нақши ниҳодҳои молиявӣ ва банақшагирии захираҳои буҷетие, ки ба рушди умумии иқтисодиёт мусоидат хоҳанд кард, афзун гардида истодааст. Собит шудааст, ки низоми самараноки буҷетикунонӣ ва банақшагирии буҷет, ояндабиниҳои дурусти равандҳои молиявию буҷетӣ, инчунин дуруст ба роҳ мондани хароҷоти буҷетӣ боиси самаранок амалӣ шудани буҷети мақсаднокӣ бахшҳову соҳаҳо мегарданд.

Таъсири тағйирот ва ислоҳотҳои дар бахши молияи давлат, хусусан ба бахши буҷети бахшҳову соҳаҳо, ки тайи солҳои охир татбиқ мегардиданд, начандон тавонистааст, ки ба самтҳои рушди устувор тақвияти маҷмӯӣ бахшад. Чун таъсири онҳоро равандҳое суст менамоянд, ки бештар ба уҳдадориҳои марказонидашуда аз қабили сарбории андоз алоқаманд мебошанд. Таъсири онҳо дар татбиқи ислоҳот, ҳадафҳои банақшагирифташуда, нақшаҳои буҷетӣ ва банақшагирии лоиҳаҳо намудор гардида, инъикоси амиқи худро дар тамоюлҳои рушд кардани бахшҳои иқтисодӣ расониданд, ки ба дараҷае дар равандҳои идораи молияи давлатӣ мушкилот эҷод намуданд. Ин мушкилот ва масоили рушд ёфтани низоми буҷетикунонии барномавию мақсадноки корхонаҳои бахши саноати кишвар, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани вижагиҳои низоми буҷетӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар заминаи молиякунонии барномавию мақсаднокро талаб мекунад, коркарди методологии ҳалли онҳоро ба миён мегузорад, то ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва рушди корхонаҳои афзалиятнокӣ иқтисодиёти мамлакат мусоидат карда тавонад. Ҳамаи ин мубрамият ва аҳаммиятнок будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро асоснок мекунад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, (қарори. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, таҳти №392), Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ахбори маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 6, мод. 436; с. 2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; с. 2016,

№ 5, мод. 367) (Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 746, аз 12.11.2013 № 1027, аз 14.05.2016 № 1316, аз 17.05.2018 № 1535) инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот** аз асоснокkунии равишҳои назариявию методии ташаккул ва рушди низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, аз ҷумла дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** дар доираи ҳадаф ва мақсади вогузошташудаи таҳқиқоти кори диссертатсионӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- тавсеа ва омӯзиши асосҳои назариявии татбиқи усули барномавию ҳадафманди ташаккулёбии буҷет;
- муайянсозии принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи равиши барномавию ҳадафманд дар алоқа бо таҷрибаи хориҷии амалишавии он;
- таҳлили ҳолатҳои муосир ва муайянкунии тамоюлҳои буҷетикунонии рушди бахши саноат ва баҳогузории самаранокии он;
- асоснок намудани самтҳои коркард ва татбиқи лоиҳаҳои омӯзишии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян сохтани хусусиятҳои татбиқи буҷетикунонии ҳадафманди бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- муайян намудани роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои он.

**Объекти таҳқиқот.** Ба ҳайси объекти таҳқиқот роҳҳои татбиқ ва амалисозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** назария, методика ва амалияи ташаккул ва амалисозии буҷетикунонии барномавии мақсадноки бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дарки нав ва коркарди равишҳои консептуалии равандҳои татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд бо назардошти ба таври самаранок амалӣ шудани он имконият медиҳад, ки корхонаҳои бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатпазирии худро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои донишварони соҳаи иқтисодиёти кишвар ва берун аз он ташкил медиҳад, ки бештар ба таҳқи

қи равандҳои молия, буҷету буҷетикунонӣ ва буҷетикунонии барномавиву ҳадафманди бахшҳои иқтисодӣ бахшида шудаанд. **Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методолигия дар кори таҳқиқотӣ мунъакисгардида бо усулҳои маъмули таҳлилу синтез, қиёскунӣ, мантиқӣ, баҳогузориҳо ва усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва дигар усулҳои маъмули илмӣ асоснок мегардад.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки мукаммалгардонии методика ва рушди низоми буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро фаро мегиранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати заминаи иттилоотӣ таҳқиқоти қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, маълумоти низоми молия ва ҳисоботи корхонаҳои саноатӣ, маводи конференсияҳо, асарҳои илмӣ ва интишороти соҳаи молия ва буҷетикунонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумоти омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои саноатӣ, инчунин тавсияҳои олимону муҳақиқони ватанӣ, ки оид ба буҷету буҷетикунони таҳқиқот бурдаанд, истифода бурда шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2021-2024 анҷом дода шудааст.

**Навгониҳои илмии тадқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии равишҳои назариявию методии амалисозии низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаҳо, мушаххасан буҷети барномавиву ҳадафманд дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми таҳқиқоти диссератсионӣ, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳоянд:

– муқаррароти назариявии ташаккули низоми буҷетикононии барномавию ҳадафманд бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои нисбии (шаффофият, фаврият, мақсаднокӣ, самаранокӣ, ба натиҷа нигаронидашуда ва ғ.) он асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад истифодаи самаранок ва саривақтии маблағҳои буҷетӣ дар доираи татбиқи барномаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ таъмин карда шавад;

– асоснок намудани принсипҳо, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба таснифоти гуруҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумӣ, ки имкон медиҳад механизмҳои самараноки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ба бахши саноатро дар алоқамандӣ бо дастгирии давлатӣ дар асоси ташаккули муҳити озоди рақобатӣ ва густариши фановариҳои рақамии муосир фароҳам оварад;

– тамоюлҳои рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба ҷудо кардани зиддиятҳо байни равандҳои муосири густариши тағйироти технологӣ,

сохторӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар низоми мавҷудаи буҷетикунонӣ ва дастгирии давлатии ғайрисамараноки рушди бахши саноат баҳогузорӣ шудааст, ки зарурати истифодаи консепсияи буҷетикунонии барномавиву ҳадафмандро бо таваҷҷуҳ ба дастрасӣ ба параметрҳои ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати иқтисодӣ миллӣ ба миён меоварад;

– асоснок намудани заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамои татбиқи консеписяи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили курсҳои омӯзишии буҷетикунонии бахши саноат ва бо назардошти ҷалби васеи кормандони сохторҳои молиявии кишвар ба раванди омузиши методикаи тартиб додани лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, чун зинаи ибтидоии гузариши фарогир ба низоми мазкур;

– асоснок намудани самтҳои афзалиятноки татбиқи равиши буҷетикунонии ҳадафманд дар бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба татбиқи чорабиниҳои баҳамалоқаманди зерин:

- ✓ татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ, ки ба таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ дар асоси равиши ба натиҷа нигаронидашуда мусоидат менамоянд;
- ✓ ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба мутобиқ намудани сарфи маблағҳои ҷудошуда дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;
- ✓ тақвияти робитаҳои амудӣ ва уфуқии ниҳодҳои танзими давлатии бахши саноат бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии банақшагирӣ, ташкил ва назорати буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда;

– асоснок намудани роҳҳои такмили низоми буҷетикунонии ҳадафманд дар шароити кунунии густариши фановариҳои рақамӣ бо таваҷҷуҳ ба мушаххас намудани унсурҳои вурудӣ (стратегияҳо ва ҳадафҳо, сохтори ташкилӣ, воситаҳои таъсирасон) ва хуруҷии он (ташаккули сиёсати молиявӣ, таъмини рақобатпазирӣ, татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ), ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз, хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда, равишҳо ва механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии равандҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд ва татбиқи самараноки он дар мисоли низоми буҷетии кишварҳои рушдкарда иборат аст. Муқаррароти назариявии таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба самаранокии низоми буҷетӣ ва такомули буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши

курсҳои «Молия», «Буҷет ва низоми хазинадорӣ», ва «Идораи молияи давлатӣ» мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода - "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи "Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат"12 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 14 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 12,8 ҷ.ч.), аз он ҷумла 5- тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва семинарҳои илмии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Молия», «Буҷет ва низоми хазинадорӣ», ва «Идораи молияи давлатӣ» ва ғайра истифода шудааст. (Санади № 521-1/дс аз 28. 10, 2024)

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии мутахассисони сарраёсати буҷети давлатии Вазорати мролияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 242 аз 25.10.2024), истифода мешаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ–методии таҳқиқ, такомул ва амалигардонии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди соҳаи саноат, дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии маълумотҳои оморӣ, муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми буҷетикунонӣ ва роҳҳои тараққиёти буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, дар доираҳои таҳлили бахши саноати кишвар, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушди он, заминаҳои асосии ташкили низоми буҷетикунонӣ, таҳияи модели риёзиву мантиқӣ, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба системаи буҷетикунонӣ таъсиррасон ифода меёбад.

## РУЙХАТИ МАҚОЛАҲИ ЧОПШУДАИ ҲАНИФАИ ЭМОМӢ АЗИМЗОДА

*А) Интишорот дар нашрияҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

1. Ҳанифаи Э.А. Ҷанбаҳои назариявии татбиқи усули барномавии ҳадафманд ҳангоми ташаккулёбии буҷет // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 114–122.

2. Ҳанифаи Э.А. Принсипҳо ва шароитҳои асосии татбиқи буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 104–112.

3. Ҳанифаи Э.А. Таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 88–98.

4. Ҳанифаи Э.А. Ҷаззобияти сармоягузории бахши саноат ва таъсири он ба буҷетикунонии ҳадафманд // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 8. – С.45–54.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

5. Ҳанифаи Э.А. Буҷетикунонии мақсадноки барномавӣ ҳамчун воситаи идоракунӣ // Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ (18 уми ноябри соли 2022). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2022. – С.322–325.

6. Ханифаи Э.А. Сущность программно–целевого бюджетирования // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики / Материалы международной научно–практической конференция (10–го февраля 2023 года). – Душанбе, Типография ТНУ, 2023. – С.229–233.

7. Хушвахтзода Қ.Х., Ҳанифаи Э.А. Тафсири мухтасари мафҳуми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд // Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (31 – уми октябри соли 2023). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – С.5–11.

8. Ҳанифаи Э.А. Таҳлили назариявии равиши барномавии ҳадафманди буҷетикунонӣ // Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (31 – уми октябри соли 2023). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. – С.131–138.

9. Ҳанифаи Э.А. Принсипҳои асосии татбиқи буҷетикунонии ҳадафманд // Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (18– уми октябри соли 2023) – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023 (31 – уми октябри соли 2023). – С.264–267.

10. Ҳанифаи Э.А. Таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ дар татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30–юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон

шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)» – Ҷилди I. – Душанбе: Чопхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – С.453–457.

11. Ҳанифаи Э.А. Шароитҳои махсуси самаранокии буҷетикунонии ҳадафманди лоиҳавӣ // Стратегияи тамадунии пешвоӣ дар асри XX1 / Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (20–уми феврали соли 2024). – Душанбе, Матбааи ДМТ, 2024. – С.430–438.

12. Ҳанифаи Э.А. Таҷрибаи ҷаҳонии буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд дар кишварҳои пасошӯравӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” (1-уми майи соли 2024) – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2024. – С.367-371.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта ба талаботҳои КОА –и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

-“тарафдор” – 18 нафар
- “зид” – нест
- бетараф” - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09 ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 3 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**Мудири кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ,**
**н.и.и., дотсент** **Ҳусайнов М.Н.**

**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ, н.и.и.,** **Гулаков У.М.**

Имзоҳои Ҳусайнов М.Н., Гулаков У.М.-ро тасдиқ мекунам.

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«09» 11. 2024 с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ